РУШДИ КАСБИЮ ЭҶОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ФАНҲОИ ТАБИӢ-РИЁЗӢ ДАР ШАРОИТИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ

Дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, такмили маҳорати касбии омӯзгорон ва татбиқи усулҳои инноватсионии таълим,
28 октябри соли 2026 бо ташаббуси Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди касбию эҷодии омӯзгор дар заминаи фаъолияти инноватсионӣ дар раванди фанҳои табиӣ-риёзӣ» баргузор гардид. Семинарро муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, доктори илмҳои филологӣ Обидҷон Маҳмудзода бо сухани ифтитоҳӣ оғоз намуда, аз дастурҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо мақсади рушди тафаккури техникии насли наврас ва тақвияти омӯзиши илмҳои дақиқ пешниҳод намуда буданд, ки солҳои 2020–2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шаванд, ёдовар гардид. Ҷоиз ба таъкид аст, ки ин иқдоми давлатӣ барои муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ зарурати такмили мазмуни таҳсилот, баланд бардоштани салоҳиятҳои касбии омӯзгорон ва истифодаи равишҳои навини таълимро тақвият мебахшад. Сипас, Пӯлотова Гулсарахон - мудири шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва стандарту барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳ, дар мавзуи «Фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омили рушди касбию эҷодии омӯзгори фанҳои табиӣ-риёзӣ» маърӯза намуд. Дар доираи мавзуъ масъалаҳои омодагии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ, истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва такмили усулҳои таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Баъдан, Қодиров Набӣ - мутахассиси пешбари шуъбаи таълими фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятҳои эҷодии хонандагон дар таълими фанҳои табиӣ тавассути татбиқи усулҳои инноватсионӣ» суханронӣ намуд. Дар маърӯза ба аҳаммияти

ташкили фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ, истифодаи усулҳои фаъоли таълим, рушди тафаккури таҳлилӣ ва фароҳам овардани шароити педагогӣ барои ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Дар ҷараёни семинар масъалаҳои такмили фаъолияти касбии омӯзгор, ҳамгироии донишҳои назариявӣ бо фаъолияти амалӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд.











